**Протоколи №7**

шурои диссертатсионии 6D. КОА-010

аз «13» июни соли 2024 протоколи №7 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2022, №27/шд тасдиқгардида, 11 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Рӯзнома:**

1. Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Шарипов Фирдавс Нуралиевич дар мавзуи «**Модификатсияи ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва имконияти истифодабарии онҳо дар синтези органикӣ**» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа Ph.D аз рӯйи ихтисоси 6D.06.06.03- Химияи органикӣ барои ташхис дар комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ ва таъин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори муовини раиси шурои диссертатсионӣ, профессор Раҳимова М. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Шарипов Фирдавс Нуралиевич ба Шурои диссертатсионӣ. Муовини раиси шурои диссертатсионӣ, профессор Раҳимова М. ба аъзои шуро иттилоот дод, ки бинобар сабаби довталаби дарёфти дараҷаи доктори фалсафа Ph.D Ф.Н. Шарипов шогирди котиби шурои диссертатсионӣ д.и. хим. профессор Раҷабзода С.И. буданашон, тибқи талаботи КОА назди Президенти ҶТ Раҷабзода С.И. ҳуқуқи котибии шуро буданро надорад. Бинобар ин дар ҷаласаи имрӯза номзадии д.и. тех. профессор Ш.Р. Самиҳовро ба иҷрокунандаи вазифаи котиби илмии шуро пешниҳод менамоям. Дигар аъзои шуро номзадии д.и.тех. профессор Ш.Р. Самиҳовро барои иҷрокунандаи вазифаи котиби илмии шуро якдилона қабул карданд.

**Баромад кард:**

Иҷрокунандаи вазифаи котиби илмии шурои диссертатсионӣ д.и.тех. профессор Самиҳов Ш.Р. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод намудаи Ф.Н. Шарипов-автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи низомномаи Намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, №267» тасдиқ гардидааст ҷавобгӯ буда, довталаби дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D Ф.Н. Шарипов ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро ба шуро пешниҳод намудааст.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхис дар комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Шарипов Фирдавс Нуралиевич дар мавзуи «**Модификатсияи ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва имконияти истифодабарии онҳо дар синтези органикӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D аз рӯйи ихтисоси 6D.06.06.03-Химияи органикӣ барои ташхис дар комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ қабул карда шавад.
2. Комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- Бандаев Сироҷиддин Гадоевич - доктори илмҳои химия, профессор, аъзои шуро, раиси комиссияи ташхис;
- Пулатов Элмурод Холикулович - доктори илмҳои химия, профессор, аъзои шуро, аъзои комиссияи ташхис;
- Турдиалиев Муродҷон Зокирович. -номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи биохимияи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, аъзои комиссияи ташхис.

**Қарор қабул карда шуд**: тарафдор – 11 нафар, зид, бетараф – нест.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои химия, профессор Раҳимова М.

Иҷрокунандаи вазифаи котиби илмии
шурои диссертатсионӣ доктори
илмҳои техникӣ, профессор Самиҳов Ш. Р.

Имзои д.и.хим., профессор М. Раҳимова ва д.и.тех., профессор Ш.Р. Самиҳовро тасдиқ мекунам
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.